ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ

САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ

| Рўйхатга олинди: | “ТАСДИҚЛАЙМАН” |
|---|---|
| № БД – 60230100– 1.22 | Р.И.Халмурадов |
| 2021 йил “27” август | 202_ йил “__” ________ |

# ЭРОНИЙ ТИЛЛАРНИНГ ҚИЁСИЙ ГРАММАТИКАСИ

фанидан

## ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

| Фан/Коди модул ETQGM3004 (бакалавриат/ магистратура) | Соли хониши 2021-2022 | Семестри 8 | ECTS-Кредитҳо 4 | |
|---|---|---|---|---|
| Фан/ **Намуди фан: Маҷбурӣ** | **Забони таълим** Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ | | **Соатҳои дарси ҳафтаина** 4 | |
| 1 | **Номи фан** | **Машғулотҳои аудиторӣ (соат)** | **Таълими мустақил (соат)** | **Ҷамъи сарборӣ (соат)** |
| | **Грамматикаи қиёсӣ-таърихии забонҳои эронӣ** | 60 | 60 | 120 |

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсад аз омӯзондани фан – ба донишҷӯён оиди ба донишҷӯён баррасӣ сохтани вазъи таҳаввулоти таърихӣ ва тасвири (диахронӣ ва синхронӣ)-и мушаххасоти забонҳои эронӣ аст. Ин фан дар баробари муқоисаи хусусиятҳои забонии забонҳои ба ҳам хеш алоқаи илмиву адабӣ, ҳаёти сиёсиву ваҷҳи иҷтимоии онҳоро низ ба назар мегирад. Бояд гуфт, ки фанни таърихи забон дар бораи ҳар як забон маълумоти муфассал диҳад, дар ин қисм хусусияти забонии забонҳои хеш бо таври муқоисавӣ омӯхта мешавад.

Вазифаи фанни таълимӣ таъин намудани ҳамгунӣ ва мушаххасоти забонҳои тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ буда, муайянсозии муҳити ҷуғрофии интишори шохаҳои адабӣ ва ғайриадабии забонҳои мазкур, таъсири ангезаҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар ҳар се забон, сарманшаи рӯйдодҳои навбунёд ва таърихӣ дар тағйир ва такомулоти забонҳои хеш, тибқи андозаҳои таълими давлатҳои мутараққӣ амиқ омӯзонидани асосҳои фан, чун умумият ва тафриқаҳои забонҳои тавъам-тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ дар бобати бахшҳои фонетика, лексика, морфология, синтаксис ва фразеология баҳс мекунад. Дар баробари ин омӯзиши грамматикаи қиёсии забонҳои ба ҳам хеш худшиносӣ, худогоҳӣ, наздикӣ ва дӯстиву рафоқати соҳибони забонро боз ҳам мустаҳкам мегардонад.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1.** ***Мақсад ва вазифаи фанни грамматикаи қиёсӣ-таърихии забонҳои эронӣ. Гурӯҳи забонҳои эронӣ***

Таъин намудани ҳамгунӣ ва мушаххасоти забонҳои тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ. Муайянсозии муҳити ҷуғрофии интишори шохаҳои адабӣ ва ғайриадабии забонҳои мазкур. Таъсири ангезаҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар ҳар се забон. Сарманшаи рӯйдодҳои навбунёд ва таърихӣ дар тайғир ва такомулоти забонҳои хеш. Тибқи андозаҳои таълими давлатҳои мутараққӣ амиқ омӯзонидани асосҳои фан.

Таснифи забонҳои дунё. Муайян намудани оилаи забонҳо ва қаробати

онҳо аз ҳамдигар. Наздикии забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ. Гурӯҳи забонҳои эронӣ: форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ, пашту, курдӣ, тотӣ, балучӣ, забонҳои помирӣ, яғнобӣ, порсии қадим авестоӣ, порсии миёна, суғдӣ, хоразмӣ; таърихи ташаккули забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ;

***Мавзӯи 2. Таърихи ташаккули забонҳои тоҷикӣ форсӣ, дарӣ. Мақоми давлатӣ гирифтани забони адабии миллии тоҷик***

Давраи нави забонҳои эронӣ. Ҳаракати Саффориён ва Сомониён. Аҳди Сомониён ва рушду нумӯъи забони дарӣ. Ташаккули забони форсии дарӣ дар Эрон, Мовароуннуҳр ва Хуросон. Низоъҳои мазҳабии Сафавиёну Шайбониён. Шохаҳои забони форсӣ дарӣ. Забони форсии Осиёи Миёна ва забони форсии Эрон. Тоҷикон мардуми бостонии сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон. Сарчашмаҳои забони миллии тоҷик. Мақоми давлатӣ гирифтани забони адабии миллии тоҷик. Адабиёти ғаниву фарҳанги рангини тоҷикон.

***Мавзӯи 3. Тафриқаи забонҳои ба ҳам хеш. Алоқаи забони форсӣ бо забонҳои гузашта ва имрӯз***

Маълумот оиди забонҳои бо ҳам хеш. Фарқиятҳои забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ. Давраҳои ба вуҷуд омадани тафриқаи забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ ва сабаби он. Андешаҳои олимони эроншинос (Айнӣ С., А.Рубинчик, Р.Фарҳодӣ, Ж.Лазар,… ) роҷеъ ба тафриқаҳои забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ. Мақола ва рисолаҳои илмӣ оид ба ин масъала.

Зинаҳои ривоҷёбии таърихии забони тоҷикӣ ва тафовути он аз забони форсӣ. Алоқаи забонҳо пеш аз воридшавии дини ислом. Давраи баъди воридоти дини ислом. Алоқаи замони имрӯза. Таъсири байниҳамдигарии забонҳо ва ворид шудани калимаҳои иқтибосӣ.

***Мавзӯи* 4. Алифбои арабиасоси форсӣ**

Хат ва имлои забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ. Алифбои арабӣ. Алифбои арабиасоси форсӣ ва хусусиятҳои ҷудогонаи он. Алифбои кириллӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи он. Имлои забони форсӣ ва тоҷикӣ. Овознависӣ (транскрипсия) ва ҳарфнависӣ (транслитератсия) дар забони форсӣ ва тоҷикӣ.

***Мавзӯи 5. Мавзӯъи баҳси фонетика***

Маълумот дар бораи фонетикаи забони точикӣ ва фонетикаи забони форсӣ. Тадқиқи фонетикаии ин забонҳо. Хусусиятҳои физиологӣ ва забонии олоти нутқ, фонемаҳои забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Хат ва имлои забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи садонокҳои забонҳои мазкур. Таснифи садонокҳо дар ҳар ду забон. Тарзи талаффуз ва навишти садонокҳои дарозу кӯтоҳ дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Дараҷаи омӯзиши онҳо. Таҳлилу муқоисаи садонокҳо дар асоси ғазалиёти Саъдӣ.

***Мавзӯи 6. Таснифи ҳамсадоҳо дар забонҳои ба ҳам хеш***

Таснифи ҳамсадоҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Иштироки олотҳои нутқ дар талаффузи ҳамсадоҳо. Гурӯҳбандии ҳамсадоҳои забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Тафовутҳо дар боби ҳамсадоҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ.

***Мавзӯи 7. Лексикология. Маънои лексикӣ ва грамматикии калимаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ***

Маънои лексикӣ ва грамматикии калимаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Сермаъногии калимаҳо. Маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо дар забонҳои ба ҳам хеш. Таркиби луғавии забонҳои мазкур. Омилҳои асосии такмили онҳо. Воситаи такмили таркиби луғавии забон будани омоним, синоним ва антонимҳо. Фарқияти онҳо дар забонҳои мазкур.

***Мавзӯи 8. Калимасозӣ ва шаклёбии таркиби луғавии забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ.***

Ҷараёнҳои калимасозии забони форсии қадим ва миёна. Калимасозии исм ва калимасози феъл дар забони форсии ҳозира. Аффикс, морфема, аффиксҳои калимасоз, аффиксҳои грамматикӣ, метатеза, копулятив, детерминатив, решаи феъл ва корбасти онҳо дар забони форсӣ.

***Мавзӯи 9. Фразеологияи забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва тафриқаи онҳо аз ҷиҳати шакл ва маъно***

Тадқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Сохти устувор ва семантикаи яклухти воҳидҳои фразеологии ин забонҳо. Ибораҳои рехтаи фразеологӣ, ифодаҳои фразеологӣ ва ибораҳои тасвирии фразеологӣ дар ҳар ду забон. Воҳидҳои фразеологии якхела дар забонҳои мазкур. Воҳидҳои фразеологии шаклан якхела ва мазмунан гуногун. Фразеологизмҳои мазмунан якхела ва шаклан гуногун. Воҳидҳои фразекологии маросимӣ.

***Мавзӯи 10. Таркиби морфологии калимаҳо дар забонҳои бо ҳам хеш.***

Таркиби морфологии калимаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Тағйирёбии калимаҳо. Тарзҳои сохта шудани калимаҳо. Реша, асос, пасванд, пешванд, бандак дар ин забонҳо. Сохти калимаҳо (содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ) дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ.

Мафҳумҳои умумии категорияҳои грамматикӣ; Категорияҳои грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик натиҷаи тараққиёти дуру дарози таърихии забон, беҳтар ва такмил ёфтани сохти грамматикии он; тарзҳои ифодаи категорияҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ, категорияҳои номуайянӣ, категорияи дараҷа дар сифатҳо, шумора дар исмҳо.

***Мавзӯи 11. Категорияи грамматикии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ***

Феъли забони форсӣ нисбати дигар ҳиссаҳои нутқ аз забони тоҷикӣ бештар фарқ дорад. Фарқияти грамматикии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Категорияи шахсу шумора, замон, тарз ва сиға дар забонҳои тоҷикӣ ва

форсӣ. Сохти феълҳо. Шаклҳои тасрифшаванда ва тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Феъл ва хусусиятҳои он яке аз мавзӯъҳои муҳими забоншиносии форсӣ ва тоҷикӣ ба шумор меравад.

***Мавзӯи 12. Синтаксиси забонҳои бо ҳам хеш. Мавқеи сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла дар забони форсӣ ва тоҷикӣ***

Ибора ва хусусияти он. Воситаҳои грамматикии алоқа дар ибораҳо. Тарзи созмони ибораҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Ҷумла. Ифодаи сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ. Ҷои мубтадо ва хабар дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ.

## III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ ва семинарӣ

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Сабабҳои ба вуҷуд омадани фарқиятҳо дар  забони форсӣ ва тоҷикӣ
2. Фикру мулоҳизаҳои С.Айнӣ оиди тафриқаи забони тоҷикию форсӣ ва муҳокимаи он
3. Фарқиятҳо дар хат ва имлои забони форсию тоҷикӣ, таҳлил дар асоси матн
4. Муҳокимаи садонокҳои дарозу кӯтоҳи забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ
5. Дар асоси матн муайян намудани тафовути садонокҳои дарозу кӯтоҳи забони форсию тоҷикӣ
6. Таркиби луғавии забони форсӣ ва тоҷикӣ
7. Зинаҳои шаклёбии фонди луғавии забони форсӣ
8. Паҳншавии забони форсӣ дар Эрон, Осиёи миёна, Афғонистон ва муносибати он ба забонҳои ин ҳудуд
9. Алоқаи забони форсӣ бо забонҳои дигар, дар гузашта ва имрӯз: арабӣ, туркӣ, русӣ...
10. Тарзи таснифи калимаҳо дар забони форсӣ ва тоҷикӣ
11. Калимасозӣ ва шаклёбии таркиби луғавии забон дар забони форсӣ ва тоҷикӣ
12. Тафовути шаклу маъно дар боби фразеологияи забони форсӣ ва тоҷикӣ
13. Омилҳои бой шудани таркиби луғавии забон аз ҷиҳати маъно дар забони форсӣ ва тоҷикӣ
14. Аз матнҳои форсӣ муайян намудани калимаҳои сохта ва мураккаб
15. Фарқият дар феълҳои забони форсӣ ва тоҷикӣ
16. Фарқиятҳо дар бобати аъзоҳои иловагии ҷумла
17. Ҷумла ва анвои он дар забонҳои бо ҳам хеш

18. Феъл ва сохта шудани он дар забони форсӣ ва тоҷикӣ
19. Забони адабии форсӣ ва фаҳмиши услубҳои он: илмий, бадей, расмий, публисистик
20. Муҳокимаи асари “Муҳокимат-ул-луғатайн”-и Алишер Навоий дар боби тафовутҳои забони форсӣ ва туркӣ
21. Муҳокимаи китоби А.Қуронбеков “Форс тили лексикологияси” ва “Лексикологияи забони тоҷикӣ”-и А.Қуронбеков, С.Маҷитова.
22. Муҳокима ва фикру мулоҳизаҳо оиди китоби Х. Турсунова «Тадқиқи муқоисавии фразеологизмҳои параллели забонҳои тоҷикӣ ва ўзбекӣ»

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозонида, ба як гурўҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфаъол ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

## IV. Тавсияҳо оиди таълими мустақилона

Аз рўи фанни мазкур мавзўъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Ташаккули забони форсии дарӣ дар Эрон, Мовароуннуҳр ва Хуросон
2. Давраҳои ба вуҷуд омадани тафриқаи забони форсӣ ва тоҷикӣ ва сабаби он. Низоъҳои мазҳабии Сафавиёну Шайбониён.
3. Шохаҳои забони форсӣ, дарӣ. Забони форсии Осиёи Миёна ва забони форсии Эрон.
4. Фикру андешаҳои Садриддин Айнӣ оиди забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ
5. Муайян намудани оилаи забонҳо ва қаробати онҳо аз ҳамдигар
6. Муҳокимаи китоби Баҳриддин Дарвеш «Чароғи ҳидоят»-и Орзў ва забони тоҷикии форсӣ
7. Фикру андешаҳои Раззоқ Ғаффоров оиди забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ
8. Таъсири забонҳои хориҷӣ дар забони форсӣ
9. Шумораҳои касрӣ ва фоизӣ дар забони форсӣ
10. Садонокҳо ва таснифоти онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ.
11. Хусусиятҳои семантикии воҳидҳои фразеологии зобонҳои тоҷикӣ ва форсӣ.
12. Тафовути сиғаҳо дар забонҳои бо ҳам хеш
13. Доираи корбасти луғатҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ.
14. Фикрҳои Равон Фарҳодӣ оиди фанни мазкур.
15. Фарқияти алифбои забони форсӣ аз забони тоҷикӣ
16. Андешаҳои олимони эроншинос (С.Айнӣ, А. Рубинчик, Р. Фарҳодӣ,
17. Ж.Лазар, …) роҷеъ ба тафриқаҳои забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ
18. Забони адабии форсӣ ва фаҳмиши услубҳои он: илмӣ, бадеӣ, расмӣ ва рўзноманигорӣ.
19. Омилҳои бой шудани таркиби луғавии забон аз ҷиҳати маъно дар забони форсӣ ва тоҷикӣ.
20. Тафовути шаклу маъно дар боби фразеологияи забони форсӣ ва

| | |
|---|---|
| | точикӣ.<br>21. Калимасозӣ ва шаклёбии таркиби луғавии забонҳои ба ҳам хеш.<br>22. Тарзи таснифи калимаҳо дар забони форсӣ ва тоҷикӣ.<br>23. Муҳокимаи асари “Муҳокимат-ул-луғатайн”-и Алишер Навоӣ дар боби тафовутҳои забони форсӣ ва туркӣ.<br>24. Паҳншавии забони форсӣ дар Эрон, Осиёи миёна, Афғонистон ва муносибати он ба забонҳои ин ҳудуд.<br>25. Таркиби луғавии забони форсӣ ва тоҷикӣ. Зинаҳои шаклёбии фонди луғавии забони форсӣ.<br>26. Шарҳи калимаҳои тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” .<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона аз тарафи донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенсияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• Дар заминаи баррасии забони модарӣ ва таъсиррасонӣ ба ҳиссиёту ташаккули шахсияти баркамоли накўахлоқи фасеҳбаёну соҳибсалиқа кўмак расонида, дар бораи хусусиятҳои хоси грамматикаи қиёсӣ-таърихии забонҳои эронӣ мақсад ва моҳияти он тақсимбандӣ ва таснифи забонҳои эронӣ, мушаххасот ва умумияти забонҳои эронӣ *ба тасаввуроти муайян соҳиб бошанд;*<br>• оиди қонуниятҳои дохилӣ ва инкишоф, омилҳои ташаккули он, дараҷаи тадқиқи забон ва категорияҳои грамматикӣ таърихӣ ва кунунии забонҳои эронӣ *маълумоти назарӣ дошта бошад*;<br>• донишҳои назарии оиди фанни мазкур ҳосилкардаро, дар ососи муқоиса бо матнҳои қадимаи тоҷик таҳлил карда, онро *дар амал тадбиқ карда тавонад;*<br>• дар бораи равобиту пайвандҳои таърихи забони тоҷикӣ бо забонҳои эронӣ муосир ва бостон дар ҷараёни таълими фан истифода намудан; бо тадқиқоти илмии фанни мазкури мавриди назар комилан ошноӣ доштан ва дар фаъолияти касбӣ аз онҳо самаранок истифода намуда, *малака ҳосил намояд*;<br>• дар таҳлили матн вобаста ба талаботи савтӣ, сарфӣ ва наҳвии забонҳои ба ҳам хеш муносибат карда тавонед ва аз ҷиҳати забон ва услуб маълумоти кофӣ ҳосил намуда ва онҳоро дар амалиёти корбурд намояд. |
| 4 | **V.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маъруза;<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• методи муқоисавӣ-таърихӣ<br>• семинар (мушоҳида, муқоиса, мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан; |

| | |
|---|---|
| | • лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VI. Талабҳо ба кредит гирифтан:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст нишон додани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳои дар шакли ҷорӣ, марравӣ додашуда ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ:**<br>1. Абдурасулов Ё. Туркий тилларнинг қиёсий таърихий грамматикаси. – Тошкент: Фан, 2009.<br>2. Қуронбеков А. Маҷидова С. Лексикологияи забони форсӣ. – Самарқанд: 2017, 140 с.<br>3. Қуронбеков А. Форс тили. (I,II.III). Тошкент, 2011<br>4. Маҷитова С. Забони адабии муосири тоҷик (фонетика). – Самарқанд. 2019.-250 с.<br>5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. ҷилди I-II. – Душанбе: 2010.<br>6. Форс тилини чет элликларга ўқитиш назарияси ва йўриқлари./ Сайид Муҳаммад Зиё Ҳусайнӣ; форс тилидан А.Қуронбеков тарж.; Т.: янги нашр, 2011.-196б<br><br>**Адабиёти иловагӣ:**<br>7. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он. – Душанбе: Маориф, 1991<br>8. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1987.<br>9. Мухторӣ К. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рудакӣ. – Душанбе, 2006.<br>10. Киличев Э.Ҳозирги узбек адабий тили. – Бухоро, 2001.<br>11. Қосимова М.Н. Хат ва имлои матни классикии тоҷик. – Душанбе: Маориф.1989.<br>12. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. – Москва, Наука, 1980.<br>13. Парвиз Нотил Хонлари. Дастури таърихии забони форсӣ. – Теҳрон 1995.<br>14. Растаргуева В.С. Среднеперсидский язык. Москва, Наука, 1966.<br>15. Рубинчик А.Современный персидский язык. – Москва: Наука 1957.<br>16. Саймиддинов Д. Вожаномаи феълҳои забони паҳлавӣ. – Душанбе: 1992<br>17. Шукуров М. Забони мо-ҳастии мост. – Душанбе: Ирон, 1991<br>18. Эроний тилларнинг лексикологияси. (мақолалар тўплами). – Тошкент Давлат Шарқшунослик Институти. 2010.<br><br>**Манбаъҳои ахбории электронӣ:**<br>19. http://www.foxitsoftware.com<br>20. www.persianacademy.ir/UserFiles/Image/naame09.pdf<br>21. www.persianacademy.ir/UserFiles/Image/naame05.pdf |

| | | |
|---|---|---|
| | 20.www.persianacademy.ir/UserFiles/Image/naame09.pdf<br>21.www.persianacademy.ir/UserFiles/Image/naame05.pdf<br>22.www.ziyouz.com kutubxonasi<br>23.https://tg.wikipedia.org/wiki/Забоншиносӣ |
| 7 | Дастури фан _____________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>С.Маҷитова – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>**Ғ.Раҳимқулов** – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии ДДС<br>**А.Туробов** - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ИДЗХС |

**Кафедра мудири** _____________ **проф.Ж.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси** _____________ **проф.А.Пардаев**

**Тасдиқлайман**
**СамДУ ўқув ишлари бўйича**
**проректор: ______________А.С.Солеев**

**"24" Август 2021 йил**